# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна дар мавзуи «Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбии педагогӣ(дар асоси маводи омузиши забони англисӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.-Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ(13.00.08.04- Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

Автореферати диссертатсияи Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна дар мавзуи "Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбии педагогӣ (дар асоси маводи омузиши забони англисӣ)" ном гирифта, барои такмили додани маҳорати коммуникатии донишҷӯён дар омузиши забони англисӣ равона гардида, талаботи мубрами замон буда, яке аз масъалаҳои муҳимми фанҳои гуманитарӣ ба ҳисоб меравад. Қобили қайд ҳаст, ки ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқӣ дар раванди баланд бардоштани малакаи дониши донишҷӯёни макотиби олӣ дар раванди таҳсилоти олии касбӣ, хусусан дар асоси такмили таълим ва омузиши забонҳо ба яке аз масъалаҳои мубрами рӯз табдил ёфтааст. Бо мақсади тайёр намудани кадрҳои педагогии муосир бояд бо дарназардошти доираи пурраи сифатҳои амалие, ки дар раванди таълим баланд гардонидани салоҳиятҳои касбии педагогии муосир равона мегарданд, натиҷагирӣ кард.

Натиҷагирии таъмини сифати таълими донишҷӯён ин бархурдор намудан аз қобилиятҳои коммуникативӣ-нутқӣ дар асоси маводи омузиши забони англисӣ тавассути ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ инкишоф ёфта, асоси рушди малакаҳои дониши донишҷуён ин муоширати инфродии онҳо мебошад. Нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, дар сатҳи зарурӣ асоснок гардидаанд.

Асоснокии нуктаҳои илмии таҳқиқотро, пеш аз ҳама, бо методологияи таҳқиқоти қобилятҳои коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён, ки дар сохтори мантиқии автореферат мушоҳида мегардад, инчунин ба воситаи методҳои илмии истифодашуда ифода намудан мумкин аст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки пеш аз ҳама дар бунёди таркиби сарчашмаҳои методи коммуникативӣ-нутқӣ муқаррарсозии онҳо аз лиҳози пайдоиш ва хусусият, инчунин дар истифодаи усулҳои пешқадами таълими омузиши педагогикаи муосир сурат гирифтааст. Ба ҳамин асос, баҳри пажӯҳиши хусусиятҳои педагогӣ бештар ба усулҳои таҳлили ташаккулёбии қобилияти

коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён баррасӣ гардида, тамоили рушди салоҳиятнокии коммуникативии донишҷӯёнро дар раванди омузиши забони англисӣ ба танзим медарорад. Дар робита ба шароитҳои дидактикии ташаккули салоҳиятҳои коммуникативии донишҷӯён дар раванди омузиши забони англисӣ, ҳамчун самти афзалиятнок барои таълимгирандагон ҷиҳати инкишофи маҳорати педагогӣ ва омузишии забони англисӣ такягоҳи заминавӣ маҳсуб мешавад.

Аз ин лиҳоз, рӯ овардани диссертант ба ин масъала тақозои таҳқиқотии замон буда, мубрам ва қобили аҳамияти илмӣ дар равияи илмии педагогикаи муосир арзёбӣ мегардад. Дар натиҷаи ин зарурати дарки ҳаматарафаи усулҳои фаъолгардонии нутқии ташаккули коммуникативии омузиши забони англисӣ бо фарогирии масъала дар низоми шаклгирии коммуникативии донишҷӯён дар раванди таҳсил қобили таваҷҷуҳ ҳаст.

Таҳқиқот ва хулосаҳои муаллиф бо методҳо ва методологияи таҳқиқот, бо маводи таҳлилгардида, адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои дар раванди таҳқиқот истифодашуда ва инчунин раднопазир будани мубрамияти мавзуъ асоснок карда мешавад. Адабиёти аз ҷониби муаллиф истифодашуда бо мавзуи таҳқиқот робитаи бевосита доранд. Методҳои истифодашуда низ дар илмҳои педагогӣ ба таври васеъ истифода мегарданд. Муносибати методологии муаллиф, ки барои муайян намудани робитаи амнияти иттилоотӣ бо амнияти миллӣ истифода бурда шудааст, саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши ин мавзуъ мебошад. Инчунин барои иҷрои вазифаҳои матраҳгардида, бо мақсади ҳалли вазифаҳои гузошташуда ва ноил шудан ба ҳадафҳои усулу методҳои таълими зерини тадқиқоти худро дар автореферати диссертант татбиқ гардидаанд.

Навгонии мавзуи таҳқиқ бо он муайян мегардад, ки дар бори аввал консепсияи ташаккули қобилиятҳои коммуникативӣ-нутқӣ дар асоси омӯзиши забони англисӣ муайян ва асоснок карда шуда, модели консептуалии салоҳият, қобилият ва маҳорати услубии коммуникативию нутқии донишҷӯён ва мутахасиссони соҳаи педагогикаи касбӣ ташкил ва сохта шудааст Дар автореферат дар асоси дастовардҳои илми педагогӣ, муайян гардидааст.

Таҳлил ва таҳқиқи автореферат аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок карда шуда, дар таҷриба санҷидани он бо роҳҳу усулҳои ташаккули қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муфид ҳаст.

Ҳангоми таҳлили маводи илмӣ-педагогӣ равияҳои иҷтимоию сохторӣ, таърихию фарҳангӣ ва психологӣ-педагогӣ дар маҷмӯъ истифода гардида,

принсипҳои кори таълимӣ дар низоми таҳсилоти олӣ риоя карда шудааст, ки воқеияти илмӣ ва дақиқии инъикоси фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварро диссертант дар автореферати худ таъмин сохтааст.

Дар автореферати мазкур дар баробари муваффақиятҳо, инчунин баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Дар рафти таҳқиқот баъзе асарҳои олимони ватании солҳои охир аз мадди назари диссертант дур мондаанд;
2. Гарчанде боби аввали автореферат оид ба **«Асосҳои назариявӣ ва методологии инкишофи қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён»** равона гардида, аммо аз чи сабаб бошад, дар автореферат назарияпардозии олимон кам ба чашм мерасад;
3. Рисолаи номзадӣ баъзе хатогиҳои китобатӣ ва техникӣ ба мушоҳида расиданд.

Аммо, норасоиҳои мазкур ба илмияти диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд. Зеро он мақсаду вазифаҳоеро, ки муаллиф дар доираи объект ва предмети таҳқиқот дар назди худ гузоштааст, пурра иҷро гардидаанд.

Дар умум эродҳои номбаршуда ҷузъӣ буда, мазмуни асосии авторефератро намекоҳонанд. Дастовардҳои илмӣ дар автореферати мазкур арзишманду назаррасанд ва диссертант ба ҳадафҳои муайяннамудаи хеш муваффақ шудааст.

Автореферат тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудааст. Аз ҷумла, мундариҷа, муқаддима ва бандҳои алоҳидаи он, тавсифи умумии таҳқиқот, бобҳо ва фаслҳо, хулоса, номгӯйи адабиёти истифодашуда бо риояи талаботи муқарраршуда, таҳия шудаанд.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна дар мавзуи "Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбии педагогӣ (дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) ба талаботи бандҳои 31-33 – и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Мавзуъ ва муҳтавои автореферати диссертатсия ба ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мутобиқат менамояд.

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва
кори иҷтимоии ДДК
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Иззатова М.И.

Имзои д.и.п., дотсент Иззатова М.И.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори РК КМ ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафров 16
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (833-22) 2-35-06, (833-22) 2-36-26
Факс: (33-22) 2-35-06, www.kgu.tj